Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-48-и назди
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»
(735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67)

# ТАҚРИЗИ

**мукарризи расмӣ ба диссертатсияи Ибрагимов Одилжон Комилжонович дар мавзуи «Асосҳои методии татбиқи технологияҳои мултимедиавӣ дар чараёни таълим (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01. – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика)**

Мувофиқати ихтисоси ва соҳаи илмии диссертатсия, ки вай ба ҳимоя пешниҳод шудааст. Дар кори илмии Ибрагимов О.К. дар мавзуи «Асосҳои методии татбиқи технологияҳои мултимедиавӣ дар чараёни таълим (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон)» натиҷаҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба омӯзиши технологияҳои иттилоотӣ, раванди таълим барои амалӣ намудани фаъолияти донишазхудкунии донишҷӯён ва истифодаи васоитҳои техникии таълим, технологияҳои иттилотӣ ва ғайра пешниҳод гардидааст. Дар кор аргументҳои асосноксозии ҳадафи таҳқиқот гузаронида шудааст, ки ба худ таҳкурсии муносибати системавӣ ба ҳама гуна муаммо, раванд, фаҳмиши робитаи байни унсурхои низомҳо, сохтани алгоритми фаъолият (нишондоди алгоритмӣ), ба таҳлил ва коркарди низомҳои иттилоотӣ дорад, мавҷуд аст. Ташкили таълими сифатнокӣ технологияи иттилоот дар шароити рушди босуръати фазои иттилоотӣ, аз ҷумла, муносибатҳои муосири таълимӣ тамоюли объективӣ, инчунин мукаммалнамоии равандҳои технологияҳои таълим дар дарачаи муайянкунии кимати омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмӣ, таълимӣ, методӣ оид ба муаммои таҳқикот, таҳлили китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ оид ба технологияҳои иттилоотӣ, методҳои амалии коркарди натиҷаҳои озмоишӣ мебошад. Таҳлили корҳо нишон дод, ки сохтори усулҳои таҳкикотӣ, мукаммалкунии маводи таълимӣ ва марҳилаи пропедевтии таълими технологияҳои иттилоотӣ дар синфҳои ибтидоӣ, инчунин методикаи таълимӣ коркардшуда, ки ба инкишофи саводнокии иттилоотӣ, воситаҳои тафаккурӣ, мантиқӣ ба мазмуни соҳаи “илмҳои педагогӣ” ва шиносномаи ихтисоси 13.00.08.01. – Назария ва методикаи фанҳои дакик (информатика) мувофиқ мебошанд.

*Ҳадафи асосии тадқиқоти диссертатсионӣ:* технологияҳои мултимедиавии таълим чунин технологияхое мебошанд, ки чараёни

таълимро бо аёниятҳо ва маводи намоишии таълимӣ таъмин менамоянд. Методҳои аёнии таълим дар муқоиса ба дигар методҳо дарсро самаранок мегардонанд: ҷараёни таълимро шавқовар ва диққатҷалбкунанда гардонида, боиси пайдоиши маҳорат, малака ва тафаккури эҷодии субъекти таълимӣ мегарданд. Ин аст, ки технологияҳои мултимедӣ (ТМ) ҳарчи бештар ҳам аз тарафи низоми маориф ва илм ва ҳам аз тарафи аҳли ҷомеа пазируфта шуда истодаанд.

*Саҳми шахсии довталаб* дар мустақилона навиштани диссертатсия, иштироки бевосита дар ҳаллу фасли мавзуъ, таҳқиқоти назариявӣ-ҷустуҷӯӣ оид ба мафҳуми мултимедиа ва таҳқиқи таърихии он, таҳияи методҳои дарси мултимедиавӣ, доир кардани озмоиши педагогӣ, сохтани аёниятҳои таълимӣ ва татбиқи онҳо дар ҷараёни таълими озмоишӣ, таҳияи саволномаҳои тестӣ барои фанҳои таълимӣ, озмоиш, таҳлил, хулосаҳо ва ҷамъбаст ифода ёфтааст.

*Навгониҳои илмии тадқиқот:* бори нахуст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои методии таълими мултимедиавӣ мавриди омӯзиши васеъ қарор гирифтааст; мафҳуми таълими мултимедиавӣ шарҳ дода шуда, нақши технологияҳои мултимедиавӣ дар дигаргуншавии методикаи таълим нишон дода шудааст; муайян карда шудааст, ки асосҳои методии татбиқи технологияҳои мултимедиавиро дар ҷараёни таълим таъминоти мултимедиавӣ, салоҳиятҳои иттилоотӣ ва методии омӯзгор ташкил медиҳанд; нишон дода шудааст, ки технологияҳои мултимедиавӣ дарсро бо аёният ва намоишномаҳои таълимӣ таъмин менамоянд; муайян карда шудааст, ки технологияҳои мултимедиавӣ чун яке аз намудҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ роҳ ёфта, таъмини омӯзиши он бар дӯши на фақат омӯзгорони фанҳои информатика, балки бар дӯши омӯзгорони ҳамаи фанҳост; нишон дода шудааст, ки маданияти иттилооти (салоҳиятҳо)-и омӯзгор барои иттилоотонидани таълим муҳим мебошад; омилҳое ошкор карда шудааст, ки барои ташкили рафти методии таълими мултимедиавӣ халал мерасонанд; бори нахуст хусусиятҳои татбиқи технологияҳои мултимедиавӣ дар дарси математика баррасӣ карда шудааст; нишон дода шудааст, ки санҷиши ҷараёни таълим бо татбиқи технологияҳои мултимедиавӣ самараноктар аст; татбиқи журнали электронӣ дар раванди таълим асоснок карда шудааст; ҳолатҳои татбиқи телефони мобилӣ дар раванди таълим пешниҳод карда шудааст; методи истифодаи барномаҳои дарс-намоишсозӣ ва компютерӣ-назоратии натиҷаи дониши субъекти таълимӣ пешниҳод ва роҳҳои созиши маҳсулоти мултимедиавии таълим баррасӣ карда шудааст.

*Аҳамияти амалии тадқиқот* дар инҳоянд. Қисми назариявии таҳқиқотро омӯзиши аҳамияти татбиқи ТМ ва хусусиятҳои фарққунандаи он дар ҷараёни таълими дилхоҳ фанни таълимӣ дар бар мегирад, ки аз ин маълумот омӯзгорон барои омода намудани маҷмуаҳои таълимӣ-методӣ, барномаҳои корӣ ва муайян намудани самти фаъолияти таълимии худ истифода намуда метавонанд.

Методҳои хусусии таълим ва усулҳои истифодаи барномаҳои мултимедиавӣ, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, самаранокии ҷараёни таълимро баланд мебардоранд. Аз ин рӯ, омӯзгорони фанҳои гуногун ва донишҷӯёни ихтисосҳои омӯзгорӣ барои баланд бардоштани самаранокии таълим аз технологияи мултимедиавӣ ва методҳои пешниҳодгашта ба таври васеъ истифода менамоянд.

Нуктаҳои асосии илмӣ ва хулосаҳои диссертасионӣ тавассути усули методи эҷодгардида ва сохтани барномаҳои компютерӣ дар шакли комплекси таъминотҳои барномавӣ таҳияшуда, ки аз ягон пойгоҳи додаҳо вобаста нестанд ва танҳо як файли барномавӣ мебошанд, асоснок гардида, тасдиқи худро ёфтаанд. Ба методи эҷодкардааш довталаб номи методи Пулотро додааст ва дар ҳақиқат методи нави арзёбии объективонаи дониш ва салоҳияти хонандагон буда, сабуккунандаи меҳнати омӯзгорон аст.

Бо баробари муваффақиятҳо дар рисола каме норасоиҳо низ ба назар мерасанд. Ба сифати эрод чанд нуқтаро таъкид кардан ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Дар диссертатсия методҳои умумии таълим ва хусусии таълими математика ва информатика мавриди масъалагузорӣ қарор гирифтаанд. Хуб мешуд, агар методҳои хусусии таълими дигар фанҳо низ баррасӣ мегардиданд.
2. Дар қисмати 3.6 оид ба «Назарсанҷии омӯзгорон ва донишҷӯён дар мавзуи «Маданияти иттилоотии онҳо ва татбиқи технологияҳои мултимедиавӣ дар таълим» дар якҷоягӣ баҳо дода шудааст, хуб мешуд агар маданияти иттилотӣ алоҳида ва татбиқи ТМ дар таълим алоҳида натиҷагирӣ мешуд. Он гоҳ натиҷаҳо мушаххастар мегардиданд.
3. Хуб мешуд, агар татбиқи ТМ дар ҳалли мисолҳо аз фанҳои таҳлили математикӣ, геометрияи аналитикӣ ва мантиқи математикӣ баррасӣ мегардид.
4. Дар диссертатсия оиди корҳои олимони тоҷик дар бораи мултимедиа кам мавод оварда шудааст.

Эродҳои зикршуда ҷузъӣ ва характери тавсиявӣ дошта, ба арзиши илмӣ-назариявӣ ва амалии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

**Хулоса**. Натиҷаҳои илмии тадқиқоти мазкур муҳтавои асосии

соҳаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ ба мазмуни бандҳои шиносномаи ихтисоси 13.00.08.01. – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика) пурра мувофиқ буда, бо назардошти хусусиятҳои соҳавии илмҳои педагогика, методикаи таълим, математика ва информатика ба таҳлили назариявӣ ва амалии робитаҳои системавӣ ва қонуниятҳои коркарду корбурди объектҳои мураккаби тадқиқотӣ – системаҳои таҳсилотию иттилоотӣ ва махзанҳои маълумот, ки бо истифода аз усулҳои муосири коркарди иттилоот ба асосноккунии назариявии ташкили методӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва болобарии самаранокии идоракунии сифати таълим бахшида шудааст.

Натиҷаҳои илмии тадқиқотӣ бо пайвандҳои байниҳамдигарии худ ва ягонагии дохилии диссертатсия шакл гирифта, дар доираи назарияи педагогика ва методикаи таълиму тарбия насли ояндаи кишвар, ки фарогири масъалаи муносибати босалоҳият дар таҳсилот ва санҷиши объективонаи дониши донишҷӯён мебошанд, дар рушди методикаи таълими информатика саҳми босазо гузошта метавонанд.

Тасдиқи асоснокии нуқтаҳои калидии илмӣ ва хулосаҳои диссертасионӣ бар пояи методологияи таҳлили системавӣ, консепсияи илмии ташхиси компютерӣ, технологияҳои амсиласозию барномасозӣ, усулҳои назарӣ ва амалии мутобиқ ба мавзӯъ, мақсад, вазифаҳои тадқиқот ва натиҷаи озмоишҳои педагогӣ устуворона пойбарҷо буда, пойгоҳи асоснокӣ ва муътамадии мазмуну мундариҷаи диссертатсияро хулосаву тавсияҳои дар он шаклгирифта, натиҷаҳои илмии бо истифода аз усулҳои санҷидашудаи педагогӣ бадастомада, боэътимодӣ ва миқдори кифояи таҷрибаҳои педагогӣ, муқоисаи онҳо бо сарчашмаҳои маълум, озмоишҳо, арзёбии натиҷаҳо дар конференсияҳо, семинарҳои илмӣ, вебинарҳо ва нашри маводи илмии тадқиқот ташкил додаанд.

Дар матни диссертатсия маводи муаллифони дигар ва ҳиссаи ҳаммуалифон танҳо тавассути истинодоварӣ истифода гардидааст. Дар диссертатсия ягон маълумоти сирри давлатидошта ё иттилооте, ки паҳнкунии он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст, мавриди истифода қарор нагирифтааст. Автореферат ва натиҷаҳои илмӣ бо эътимоди кофӣ муҳтавои тадқиқоти гузаронидашуда ва дарунмояи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Ибрагимов Одилжон Комилжонович дар мавзӯи «Асосҳои методии татбиқи технологияҳои мултимедиавӣ дар ҷараёни таълим (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти

Хатлон)» ба талаботи «Тартиби додани дарачаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, дар маҷмӯъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01. – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика), сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои педагогӣ, муаллими
калони кафедраи умумидонишгоҳии
информатикаи МДТ «Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Дадоҷонов Б.Ё.

**Иттилоъ барои тамос:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,
735700, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков №1
имзои Дадоҷонов Б.Ё.-ро тасдиқ мекунам
Сардори раёсати кадрҳо ва КМ МДТ
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров» Наврӯзов Э.М.